Замима

ба қарори Ҳукумати

Ҷумҳурии Тоҷикистон

аз 23 июни соли 2025, № 355

# Дастурамали намунавии коргузорӣ дар мақомоти давлатӣ, корхона, муассиса ва ташкилотҳои дигари давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1.Дастурамали намунавии коргузорӣ дар мақомоти давлатӣ, корхона, муассиса ва ташкилотҳои дигари давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – Дастурамал) раванди ба роҳ мондани коргузорӣ ва назоратро муқаррар карда, кор бо ҳуҷҷатҳоро аз лаҳзаи таҳия, ворид, баҳисобгирӣ, истифодабарӣ, нигоҳдорӣ ва гардиши минбаъдаи онҳоро то бойгоникунонӣ тавассути низоми ягонаи байниидоравии гардиши ҳуҷҷатҳои электронӣ (минбаъд – низом) дар мақомоти марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, корхона, муассиса ва ташкилотҳои дигари давлатӣ (минбаъд – идора) танзим менамояд.

Низом – ин маҳсулоти барномавие мебошад, ки он аз ҷониби мақоми ваколатдор дар соҳаи гардиши ҳуҷҷати электронӣ ва имзои электронӣ муайян гардида, тавассути он гардиши ҳуҷҷатҳои электронӣ байни иштирокдорони ҳамкории иттилоотӣ ба роҳ монда мешавад.

2.Раванди коргузорӣ марбут ба фаъолияти қонунгузорӣ дар Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тартиби баррасии аризаҳои даъвогӣ ва парвандаҳо дар судҳо тибқи тартиби муқаррнамудаи қонунгузорӣ амалӣ мешавад.

3.Ба унвонии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуҷҷатҳо дар шакли коғазӣ дар бланкаи расмӣ ва чопи ранга пешниҳод карда мешаванд.

4.Тартиби кор бо ҳуҷҷатҳои дорои маълумоти сирри давлатӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳифзи сирри давлатӣ амалӣ карда мешавад.

5.Забони коргузорӣ ва мукотибот байни идораҳо тибқи талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» сурат мегирад. Дар ҳолатҳои дахлдор идора мукотибаро бо шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ метавонад бо яке аз забонҳои хориҷӣ (русӣ ё англисӣ) бо тартиби муқарраргардида амалӣ намояд.

6.Дар сурати мавҷуд будани низоми дохилии гардиши ҳуҷҷатҳои электронӣ иштирокдорони ҳамкории иттилоотӣ бояд тибқи тартиби муқарраргардида бо низоми ягона ҳамгироиро анҷом диҳанд.

7.Дар сурати мавҷуд набудани низоми гардиши ҳуҷҷатҳои электронӣ, иштирокдорони ҳамкории иттилоотӣ бояд низоми ягонаро истифода намоянд.

8.Уҳдадориҳо оид ба риояи талаботи Дастурамал ба зиммаи воҳидҳои сохтории идора гузошта мешавад.

9.Роҳбарии умумӣ ва назорати риояи талаботи коргузорӣ тибқи Дастурамал аз ҷониби роҳбари идора мустақиман ва тавассути воҳиди сохтории коргузорӣ амалӣ карда мешавад.

10.Роҳбарони воҳидҳои сохтории идора уҳдадоранд кормандонро бо Дастурамал шинос карда, тарзи кор бо ҳуҷҷатҳои электронӣ (минбаъд – ҳуҷҷатҳо)-ро тавассути низом фаҳмонанд.

11.Кормандони идора барои иҷрои талаботи Дастурамал масъулияти шахсӣ доранд.

12.Аз ҷониби роҳбарон ва кормандони идора қабул ва баррасии ҳуҷҷатҳое, ки бо тартиби муқарраргардида дар низом ба қайд гирифта нашудаанд, манъ аст.

13.Ҳангоми сафарҳои хизматӣ, рухсатии меҳнатӣ, аз вазифа озод шудан, ба кори дигар гузаштан, таъини корманди нав ё ҳолатҳои дигар воҳиди сохтории кадрӣ уҳдадор аст нусхаи санади дахлдорро ба воҳиди сохтории масъули пешбурди техникии низом ҷиҳати ворид намудани тағйироти дахлдор дар низом пешниҳод намояд.

14.Ҳангоми баромадан ба рухсатии меҳнатӣ, сафарҳои хизматӣ ё ҳолатҳои дигар корманд уҳдадор аст, ки оид ба ҳуҷҷатҳои иҷронашуда ва таҳти назорат қарордошта роҳбари бевоситаи худро огоҳ намояд.

15.Дар низом ба ҳар як корманди идора ҳуҷраи шахсии алоҳида ба қайд гирифта мешавад. Ҳангоми аз вазифа озод шудани корманд ва ба ҷойи ӯ таъин шудани корманди нав, маълумоти корманди озодшуда (маълумоти шахсӣ) аз низом хориҷ гардида, ба низом маълумоти корманди нав ворид карда мешавад. Ҳуҷҷатҳои дар ҳуҷраи шахсии корманди озодшуда тибқи тартиб нигоҳдошташуда, тавассути низом ба корманди нав мегузаранд.

16.Ҳуҷҷатҳо ва маълумоти дар он мавҷудбуда дар раванди ҳамкории иттилоотӣ ҳифз гардида, ҳама гуна дахолат ба онҳо манъ аст.

17.Дар ҳуҷҷатҳои содиротӣ ва дохилии дар низом омодашаванда имзои электронии ҳифзшуда тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуҷҷати электронӣ ва имзои электронӣ» (минбаъд – имзо) гузошта мешавад.

18.Тартиби бойгоникунонӣ, нигоҳдорӣ, ҳифзи ҳуҷҷатҳои электронӣ, инчунин таъмини дастрасӣ, пуррагӣ, бехатарии онҳо дар раванди нигоҳдории бойгонӣ ва нобуд кардани ҳуҷҷатҳо тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегирад.

## 2. ТАШКИЛИ ГАРДИШИ ҲУҶҶАТҲО ТАВАССУТИ НИЗОМ

### §1. Ҳуҷҷатҳои воридотӣ, бақайдгирии онҳо ва таҳияи манзурӣ

19.Коркарди ибтидоии ҳуҷҷатҳои воридотӣ аз санҷиши дурустии ирсол, мавҷудияти ҳуҷҷатҳо ва замимаҳо, инчунин омода кардани ҳуҷҷатҳо барои фиристодан тибқи таъинот иборат аст. Муросилоти электронии саҳван воридшуда тибқи тобеият фиристода мешавад.

20.Ба идора ҳуҷҷатҳо метавонанд дар шаклҳои зерин ворид гарданд:

- шакли коғазӣ;

- тавассути почтаи электронӣ;

- тавассути низом.

21.Ҳангоми ба идора ворид шудани ҳуҷҷатҳо дар шакли коғазӣ воҳиди сохтории коргузорӣ онҳоро тасвирбардорӣ карда, ба низом ворид менамояд. Нусхаҳои аслии ҳуҷҷатҳои коғазӣ аз ҷониби воҳиди сохтории коргузорӣ пас аз ворид кардан ба низом бе гузоштани муҳри бақайдгирӣ дар ҷузъгирҳои дахлдор ҷойгир ва ба муҳлати як моҳ нигоҳ дошта мешаванд. Пас аз гузаштани муҳлат ҳуҷҷатҳои коғазӣ дар мувофиқа бо мақоми ваколатдор дар соҳаи бойгонӣ тибқи тартиби муқарраршуда барои нигоҳдорӣ ба бойгонӣ супорида мешаванд ва ё нобуд карда мешаванд.

22.Ҳангоми ворид шудани ҳуҷҷат тавассути почтаи электронӣ, он зеркашӣ гардида, аз ҷониби воҳиди сохтории коргузорӣ тибқи тартиби муқарраргардида дар феҳристҳои низом ба қайд гирифта мешавад.

23.Ҳангоми ворид шудани ҳуҷҷатҳо тавассути низом онҳо аз қисмати идораи низом бақайд гирифта мешаванд.

24.Агар дар ҳуҷҷатҳои воридгардида ба ҳуҷҷатҳои дигар ишора шуда бошад, дар низом тавассути тугмачаи «ҳуҷҷатҳои марбут» ҳуҷҷатҳои дигари ишорашуда дарёфт гардида, онҳо бо ҳуҷҷатҳои воридгардида пайваст мегарданд.

25.Корманди масъули воҳиди сохтории коргузорӣ уҳдадор аст, ҳуҷҷатҳои ба идора воридгардидаро фавран дар рӯзи ворид шудан дар низом ба қайд гирад.

26.Воҳиди сохтории коргузорӣ ба таври худкор ё дастӣ рақамгузории ҳуҷҷатҳоро дар феҳристи бақайдгирии дахлдор интихоб менамояд. Дар сурати интихоб намудани реҷаи худкор ҳуҷҷатҳои воридотӣ дар лаҳзаи ворид шуданашон, содиротӣ ва дохилӣ дар лаҳзаи баимзорасӣ дар феҳристҳои интихобшуда ба таври худкор ба қайд гирифта мешаванд.

27.Ҳуҷҷатҳои воридгардида баъди бақайдгирӣ дар феҳристи бақайдгирии дахлдор аз тарафи воҳиди сохтории коргузорӣ барои гузоштани манзурӣ тавассути низом ба роҳбарияти идора ирсол мегарданд.

28.Манзурӣ аз унсурҳои зерин иборат аст:

- масъули иҷро;

- мазмуни мухтасари супориш;

- муҳлати иҷро;

- имзои роҳбар бо нишон додани насаб ном ва номи падар;

- санаи имзо.

29.Дар низом супориши манзурӣ аз номгуй интихоб ё бевосита ворид карда мешавад. Номгӯйи манзуриҳо аз тарафи воҳиди сохтории коргузорӣ пеш бурда мешавад.

30.Ҳуҷҷатҳои воридгардида баъди гузоштани манзурӣ аз ҷониби роҳбарияти идора тавассути низом тибқи таъинот ба сарпарастони соҳавӣ (муовинони роҳбари идора), роҳбарони воҳидҳои сохторӣ ва ё иҷрокунандаи бевосита фиристода мешаванд.

31.Иҷрокунандае, ки дар манзурӣ номи ӯ якум ишора гардидааст, масъули иҷрои ҳуҷҷат мебошад. Масъули иҷро ҳуқуқи даъват намудани ҳамиҷрокунандагон (дар манзурӣ ишора гардидаанд)-ро дорад.

32.Ҳамиҷрокунандагон уҳдадоранд, ки бо дархости масъули иҷро ба ӯ тамоми маводди заруриро пешниҳод намоянд. Ҳамиҷрокунандагон барои сари вақт ва хушсифат омода намудани лоиҳаи ҳуҷҷатҳо масъулияти баробар доранд.

33.Барои бақайдгирии ҳуҷҷатҳои воридотӣ, содиротӣ ва дохилӣ дар низом феҳристҳои зерин истифода бурда мешаванд:

- феҳристи бақайдгирии супоришҳо ва протоколҳои маҷлисҳои назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- феҳристи бақайдгирии маҷлисҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Раёсати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- феҳристи бақайдгирии супоришҳо ва протоколҳои маҷлисҳои назди Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- феҳристи бақайдгирии супоришҳо ва протоколҳои маҷлисҳои назди муовини якум ва муовинони Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- феҳристи бақайдгирии супоришҳо ва протоколҳои маҷлисҳои назди Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- феҳристи бақайдгирии ҳуҷҷатҳои воридотӣ аз вазорату идораҳо;

- феҳристи бақайдгирии ҳуҷҷатҳои содиротӣ;

- феҳристи бақайдгирии ҳуҷҷатҳои дохилӣ;

- феҳристи бақайдгирии санадҳои ҳуқуқӣ;

- феҳристи бақайдгирии муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ;

- феҳристи бақайдгирии барқияҳои ҳукуматӣ.

34.Воҳиди сохтории коргузорӣ дар низом метавонад барои кори идора дар мувофиқа бо роҳбари он феҳристи бақайдгирии дахлдорро илова намояд. Воҳиди сохтории коргузорӣ, инчунин шахсони дигари масъул уҳдадоранд маълумоти дар феҳристҳои низом мавҷудбударо аз дастрасии беиҷозат, несткунии тасодуфӣ ва ё тағйир додани мазмуну моҳияти он ҳифз намоянд.

35.Дар низом шохиси ҳуҷҷатҳои содиротӣ ва дохилӣ аз рақами имзокунандаи ҳуҷҷат, рақами воҳиди сохторӣ ва рақами тартибӣ иборат аст.

Масалан:

№1-4/12 аз 21.02.25

Ҳукумати

Ҷумҳурии Тоҷикистон

Мавзуъ: пешниҳоди ҳисобот

Ҳисоботи нотариати давлатӣ барои соли 2024 ирсол мегардад.

Вазир имзо насаб, ном ва номи падар

Эзоҳ: Дар ин ҷо 1 – рақами имзокунандаи ҳуҷҷат, 4 – рақами воҳиди сохтории таҳиякунандаи ҳуҷҷат ва 12 – рақами тартибии ҳуҷҷат дар феҳристи интихобшуда мебошад.

36.Дар сурати мавҷудияти камбудиҳои зерин ҳуҷҷатҳо аз ҷониби воҳиди сохтории коргузорӣ бидуни бақайдгирӣ ба ирсолкунанда бо зикри камбудиҳо баргардонида мешаванд:

- ҳуҷҷат бе имзо бошад;

- аз ҷониби шахсони ғайриваколатдор имзо шуда бошад;

- дорои матни носаҳеҳ ё бидуни нишонаҳо (реквизитҳо)-и тибқи қонунгузорӣ муқаррваргардида бошад;

- замима мавҷуд набошад;

- ягон қисми ҳуҷҷат ва номутобиқатии рақамҳо дар ҳуҷҷатҳо бо ҳуҷҷати пешниҳодшуда норасоӣ дошта бошад;

- дорои хатогиҳои имлоӣ ва грамматикӣ;

- тавассути мақомотӣ болоӣ пешниҳод нагардидан.

37.Роҳбарони воҳидҳои сохтории идора ҳуҷҷатҳоро қабул карда, тибқи муҳлатҳои дар қонунгузорӣ муқарраршуда иҷро намуда, бо имзои роҳбари идора ё муовинони ӯ тавассути низом ба мақомоти дахлдор ирсол менамоянд.

## §2. Тартиби гардиши ҳуҷҷатҳои содиротӣ, дохилӣ ва тасдиқи қабули онҳо

38.Иҷрокунанда то пешниҳоди ҳуҷҷати омодашуда барои имзо, бояд мундариҷа, дурустии ба расмият даровардани он ва мавҷудияти замимаҳоро санҷида, онро тавассути низом бо роҳбари бевосита, сарпарасти соҳа (муовинони роҳбари идора) ва ё кормандони дигари дахлдор мувофиқа намояд.

39.Омода намудани ҳуҷҷати ҷавобӣ ё содиротӣ тавассути низом аз 6 зина иборат аст:

- таҳияи ҳуҷҷати ҷавобӣ ё ҳуҷҷати нав ва замимаҳои он;

- интихоби феҳристи дахлдори бақайдгирии содиротӣ;

- интихоби мақомоти ирсолшаванда;

- мувофиқаи ҳуҷҷат бо шахсони дахлдор ва сарпарасти соҳа;

- гузоштани рамзи QR;

- ирсол намудан барои имзо.

40.Ҳуҷҷатҳо пас аз имзои роҳбарият дар феҳристи аз ҷониби масъули иҷро қаблан интихобшуда ба таври худкор сабт шуда, ба идораҳои дахлдор ирсол мегарданд.

41.Воҳиди сохтории коргузорӣ дурустии ба расмият даровварда шудани ҳуҷҷатҳо ва мавҷудияти замимаҳои дар ҳуҷҷати асосӣ нишондодашударо назорат мекунад.

42.Дар идора ҳуҷҷатҳои дохилӣ дар низом омода, тасдиқ ва иҷро (истифода бурда) карда мешаванд.

43.Лоиҳаҳои ҳуҷҷатҳои дохилӣ баъди омода ва мувофиқакунӣ бо кормандони дахлдори идора барои баррасӣ ё имзо ба роҳбарият пешниҳод мешавад. Баъди имзо ҳуҷҷатҳои мазкур дар феҳристи дахлдори низом ба қайд гирифта мешаванд.

44.Омода намудани ҳуҷҷатҳои дохилӣ тавассути низом аз 6 зина иборат аст:

- интихоби намуд ва навъи ҳуҷҷати дохилӣ;

- интихоби феҳристи бақайдгирии дахлдор;

- интихоби намунаи дахлдор ва ворид намудани мазмуни ҳуҷҷат;

- мувофиқакунӣ;

- гузоштани рамзи QR;

- ирсол намудан барои манзурӣ ва имзо.

## 3. ИСТИФОДАИ ИМЗОИ ЭЛЕКТРОНИИ ҲИФЗШУДА ДАР ГАРДИШИ ҲУҶҶАТҲОИ ЭЛЕКТРОНӢ

45.Ҳуҷҷат, ки бо имзои электронии ҳифзшуда имзо шудааст (ҳуҷҷати электронии ҳифзшуда) бо ҳуҷҷати ҳомили коғазӣ, ки бо имзои дастӣ имзо шудааст, эътибори ҳуқуқии баробар дорад. Дар гардиши ҳуҷҷатҳо бо иштироки мақомоти давлатӣ танҳо ҳуҷҷатҳои ҳифзшуда истифода мешаванд.

46.Дар ҳуҷҷат имзои электронии ҳифзшудаи шахси ваколатдори мақомоти давлатӣ истифода мешавад. Имзо дар низом дар шакли рамзи QR дар байни вазифа ва насаб, ном ва номи падари роҳбарияти идора гузошта мешавад.

## 4. ҚОИДАҲОИ ТАРТИБ ДОДАН ВА БА РАСМИЯТ ДАРОВАРДАНИ ҲУҶҶАТҲО

47.Дар идора ҳуҷҷатҳо мувофиқи стандартҳои давлатӣ дар шакли электронӣ тибқи замимаи 1 ба Дастурамали мазкур тартиб ва ба расмият дароварда мешаванд. Ҳуҷҷатҳои содиротӣ дар бланки электронии идора бо забони давлатӣ ва дар ҳолатҳои зарурӣ бо забонҳои русӣ ва англисӣ тартиб дода мешаванд.

Бланки расмии идора аз ҷониби Саридораи бойгонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад. Тағйир додани шакли тасдиқшудаи бланкаҳои идора манъ аст.

48.Ҳар як ҳуҷҷат тибқи замимаи 1 бояд дорои маҷмуи муайяни нишонаҳо (реквизитҳо)-и дақиқ ва тартиби устувори ҷойгиршавӣ бошад.

49.Замимаи ҳуҷҷатҳо бояд пас аз матни он бо зикри миқдори варақҳо дар мактуб номбар карда шавад.

50.Номгузории ҳуҷҷат бояд дар ҳар як ҳуҷҷат, ба истиснои мактуб мавҷуд буда, бо ҳарфи калон навишта шавад, масалан: ПРОТОКОЛ, ГУЗОРИШ, МАЪЛУМОТНОМА, САНАД, ПЕШНИҲОД БАРОИ РУТБА, МУКОФОТҲОИ СОҲАВӢ, БАРҚИЯ ва БАРҚИЯИ ТЕЛЕФОНӢ (намунаҳо дар замимаҳои 2, 3, 4, 5, 6 ва 8 пешниҳод мегарданд).

51.Ба ҳар як ҳуҷҷат, новобаста ба таъиноти он, сарлавҳа тартиб дода шуда, дар он мавзуи ҳуҷҷат ба таври мухтасар ва дақиқ пешбинӣ карда мешавад. Сарлавҳа бояд ба саволи «Дар бораи ...», «Дар бораи тағйир додани ... », «Дар бораи ҷудо намудани ... », «Дар бораи бекор кардани ... », «Оид ба амалисозии ... », «Вобаста ба ... » ва ғайра ҷавоб дошта бошад. Агар дар ҳуҷҷат якчанд масъала инъикос гардад, он гоҳ сарлавҳаро ба таври умумӣ зикр кардан мумкин аст. Сарлавҳаро тартибдиҳандаи ҳуҷҷат таҳия менамояд.

52.Ҳангоми коргузорӣ намуди пурраи навиштани сана истифода карда мешавад. Масалан: 3-юми марти соли 2025 ё 4-уми марти соли 2025.

53.Санаи эътибор пайдо кардани фармоиш, мактуб, хулоса, гузориш, маълумотнома, протокол, санад ва ҳуҷҷатҳои дигар рӯзи аз ҷониби шахси ваколатдор бо имзо тасдиқ гардидани онҳо ё мӯҳлати дигаре, ки дар он пешбинӣ шудааст, мебошад.

54.Мувофиқакунии дохилӣ дар низом тариқи электронӣ сурат гирифта, ин усули баррасии пешакӣ ва баҳогузории лоиҳаи ҳуҷҷат мебошад. Мувофиқакунӣ ҳалли дуруст ва ҳаматарафаи масъалаҳои сифати лоиҳаи ҳуҷҷати омодашуда, мақсаднокӣ ва саривақтии он, асосноккунӣ ва мувофиқати лоиҳаи ҳуҷҷати омодашуда бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунандаро дар бар мегирад.

55.Имзо унсури ҳатмии ҳуҷҷат мебошад, ки масъулияти шахси ба ҳуҷҷат имзогузоштаро нисбат ба он ифода менамояд.

56.Ҳуҷҷати ҳифзшудаи аслӣ танҳо дар шакли электронӣ, ки бо имзои электронии ҳифзшуда имзо шудааст, тартиб дода мешавад.

57.Ҳуҷҷатҳоро роҳбарияти идора тасдиқ менамоянд.

58.Ҳангоми имзои ҳуҷҷати тартибдодаи комиссия на вазифаи шахсони ҳуҷҷатро тартибдода, балки тақсимоти вазифаҳои онҳо дар комиссия нишон дода мешаванд. Насаб, ном, номи падари раиси комиссия ва аъзои он бо тартиби пайдарпай номбар карда мешавад.

59.Унсурҳои шакли тасдиқ калимаҳои «Тасдиқ менамоям», номи вазифа, насаб, ном ва номи падари шахси ҳуҷҷатро тасдиқкарда ва имзо санаи тасдиқ ба ҳисоб меравад.

60.Омода кардани ҳуҷҷатҳо мувофиқи талаботи стандарти давлатӣ амалӣ мешавад. Дар ҳуҷҷат ҳамаи нишонаҳо бояд дар доираи ҳудудҳое, ки варақа-намунаи стандарти давлатӣ муқаррар кардааст, ҷойгир карда шаванд.

61.Ҳангоми таҳия ва ирсоли ҳуҷҷат бояд қоидаҳои зерин ва андозаи ҳошияҳо ҳатман риоя карда шаванд:

- матни ҳуҷҷат бо фосилаи як ё якуним (1 ё 1,15) см байнисатрӣ чоп карда мешавад;

- сатри аввали ҳар як сарсатри матн бо гузоштани фосилаи як (1) см аз ҳудуди ҳошияи чап чоп карда мешавад;

- бо ҳуруфи Times New Roman андозаи 16 ба номи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва андозаи 14 ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва вазорату идораҳои дигар пешниҳод мешавад;

- ҳуҷҷатҳое, ки аз 1 саҳифа зиёданд, рақамгузорӣ карда мешаванд;

- ҳарфҳои муқаррарӣ бе ҳарфҳои ғафс ва курсив истифода карда мешаванд;

- меъёри ҳудуди бланк: аз боло ва рост – 1,5 см, аз чап – 2,5 см ва поён – 2,5 см (ба ҳуҷҷатҳое, ки ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод мегарданд дар саҳифаи якум аз поён 4 см ҷойи холӣ гузошта мешавад).

## 5. ТАРТИБИ БАРАСМИЯТДАРОРИИ ҶАЛАСАҲО ВА ҲАЙАТИ МУШОВАРА

62.Дар ҷаласаҳои ҳайати мушовара ва маҷлисҳо протоколҳо тибқи замимаи 3 Дастурамал таҳия мегарданд, ки дар онҳо шахсони мансабдори ҳузурдошта, номгӯйи масъалаҳои муҳокимашаванда, насаб, ном, номи падари маърӯзачиён ва баромадкунандагон ҳангоми муҳокимарониҳо зикр ёфта, вобаста ба масъалаҳои муҳокимашаванда мазмуни мухтасари қарорҳои қабулгардида навишта мешаванд.

63.Протоколи ҷаласаҳо ва ҳайати мушовара аз ҷониби воҳиди сохтории масъул таҳия мешавад.

64.Протоколи ҷаласаҳо дар мӯҳлати то 3 рӯз (агар мӯҳлати дигар муқаррар нашуда бошад) барои имзо (тасдиқ) ба роҳбарияти идора пешниҳод мегардад.

## 6.НАЗОРАТ ВА МӮҲЛАТИ ИҶРОИ ҲУҶҶАТҲО

65.Ҳуҷҷатҳое, ки бояд иҷро карда шаванд, аз ҷумла қонунҳо, санадҳои ҳуқуқии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон, муовини якум ва муовинони ӯ, Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муовини якум ва муовинони ӯ, дархостҳо, супоришҳо ва фармоишҳои алоҳида дар низом таҳти назорат гирифта мешаванд.

66.Ба раванди иҷрои ҳуҷҷатҳо ва супоришҳои дар онҳо пешбинишуда роҳбарият тавассути воҳиди сохтории коргузорӣ ва ё шахсони алоҳидаи масъул назорат мебаранд.

67.Ба назорат гирифтани ҳуҷҷатҳои назоратӣ дар шакли электронӣ сурат мегирад.

68.Мӯҳлати иҷрои ҳуҷҷат аз лаҳзаи ба идора ворид шудани он ҳисоб шуда, мӯҳлати иҷро (баррасӣ)-и он тибқи тартиби муқарраргардида анҷом дода мешавад. Дар ҳолатҳои истисноӣ, агар дар ҳуҷҷат муқаррар шуда бошад, мӯҳлати иҷро аз лаҳзаи имзои он ҳисоб карда мешавад. Ҳуҷҷатҳо бояд дар мӯҳлатҳои зерин иҷро (баррасӣ) карда шаванд:

- қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон – мувофиқи талаботи қонунгузорӣ;

- қарорҳои якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармонҳо ва амрҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳо ва фармоишҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон – як моҳ ё мувофиқи мӯҳлатҳои дар онҳо зикршуда;

- супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон - як моҳ ё мувофиқи мӯҳлатҳои дар онҳо зикршуда;

- супоришҳои фаврии Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон, муовини якум ва муовинони ӯ, Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президент, муовини якум ва муовинони ӯ – як моҳ ё мувофиқи мӯҳлатҳои дар онҳо зикршуда;

- супоришҳои Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон, муовини якум ва муовинони ӯ, Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президент, муовини якум ва муовинони ӯ дар хусуси ба Ҳукумат ва Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намудани иттилоот, ҳуҷҷатҳо ва маводди дигари зарурӣ дар мӯҳлати панҷ рӯз аз рӯзи қабул гардиданашон, агар мӯҳлати дигар нишон дода нашуда бошад;

- лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқии аз ҷониби вазорату идораҳо пешниҳодшаванда – дар мӯҳлати то 5 рӯз ва барои Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон – дар мӯҳлати то 15 рӯз;

- муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ – мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ»;

- қарорҳои ҳайати мушовара, фармоишҳои роҳбари идора – мувофиқи мӯҳлатҳои дар онҳо зикршуда;

- барқияи телефонӣ, мувофиқи мӯҳлати дар онҳо зикршуда ё вобаста ба фаврӣ будани масъала;

- мувофиқаи ҳуҷҷатҳои дохилӣ – то 3 рӯз вобаста ба ҳаҷми ҳуҷҷат ё вобаста ба фаврӣ будани масъала.

69.Агар дар санадҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин протоколҳои маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, протоколҳои маҷлиси Раёсати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва маҷлиси назди Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳлати иҷрои дастур, супориш, нақшаи чорабиниҳо, бандҳо ба таври мушаххас муайян нашуда бошад, пас вобаста ба муҳтавои супориш мӯҳлати назорати иҷро ба тариқи зерин муқаррар карда мешавад:

- фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – ҳар семоҳа, нимсола ва солона;

- амрҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – ҳар семоҳа;

- қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон – ҳар семоҳа;

- фармоишҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон – ҳар семоҳа;

- протоколҳои машваратҳои назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – ҳар семоҳа;

- протоколҳои маҷлисҳои Раёсати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва маҷлисҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон – ҳар семоҳа;

- протоколҳои маҷлиси назди Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – ҳар моҳ;

- барномаҳо, консепсияҳо, стратегияҳо ва нақшаи чорабиниҳо – ҳар нимсола, солона;

- иҷрои нақшаи чорабиниҳо, ки аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешаванд – ҳар нимсола, солона;

- иҷрои нақшаи чорабиниҳо, ки аз ҷониби Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешаванд – ҳар нимсола, солона.

- иҷрои нақшаи кори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон – 45 рӯз пеш аз мӯҳлати дар нақша муқарраргардида;

70.Назорати иҷрои ҳуҷҷатҳо бо супориши роҳбари идора ба зиммаи роҳбарони воҳидҳои сохторӣ гузошта мешавад.

71.Тамдид кардани мӯҳлати иҷрои ҳуҷҷатҳои назоратӣ дар мувофиқа бо Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад.

72.Аз назорат баровардани ҳуҷҷатҳое, ки идора иҷрокунанда намебошад, дар асоси гузориши роҳбари воҳиди сохторӣ ба номи роҳбари идора дар мувофиқа бо муовини роҳбар – сарпарасти соҳа амалӣ карда мешавад. Дар гузориш моҳияти ҳуҷҷат, санаи воридшавӣ, сабаби аз назорат баровардани он зикр карда мешаванд. Воҳиди сохтории коргузорӣ дар ҳолати додани дастури роҳбари идора ҳуҷҷатро аз назорат мебарорад.

## 7. КОР БО ҲУҶҶАТҲОИ ДОРОИ МУҲРИ «БАРОИ ИСТИФОДАИ ХИЗМАТӢ»

73.Ба ҳуҷҷатҳои дорои муҳри «Барои истифодаи хизматӣ» (минбаъд – «БИХ») маводе дохил мешавад, ки маълумоти ғайримахфии доираи паҳншавиаш маҳдуд дошта, интишори онҳо дар матбуот, барномаҳои радио ва телевизион манъ аст.

74.Ҳуҷҷатҳои дорои муҳри «БИХ», ки ба идора ворид мегарданд, аз ҷониби воҳиди сохтории коргузорӣ дар низом ба қайд гирифта мешаванд.

75.Кормандон ҳангоми кор бо чунин ҳуҷҷатҳо сирри давлатӣ ва хизматиро риоя ва нигоҳдории онҳоро таъмин намуда, тибқи имконият шумораи нусхаҳои зиёдшавандаро маҳдуд месозанд.

76.Идораҳо номгӯйи соҳавии дахлдори ҳуҷҷатҳои хизматии дорои муҳри «БИХ»-ро, ки интишори озод ё ифшои онҳо метавонад ба манфиати идораҳо зарар расонад, таҳия мекунанд.

77.Мансуб донистани маълумот ба ҳуҷҷатҳои дорои муҳри «БИХ» дар асоси номгӯйи соҳавӣ аз ҷониби иҷрокунанда ва шахсе, ки ба ҳуҷҷат имзо мегузорад, муайян карда мешавад. Дар ин ҳолат дар кунҷи болои рости саҳифаи якуми ҳуҷҷат бо рақами нусхаи ҳуҷҷат ихтисораи «БИХ» навишта мешавад.

78.Назорати асосноккунии гузоштани муҳри «БИХ» дар ҳуҷҷатҳо, парвандаҳо, нашрияҳо ва ҳомилҳои онҳо, инчунин пешбурди коргузорӣ бо чунин ҳуҷҷатҳо ба зиммаи воҳидҳои коргузории идораҳо гузошта мешавад.

79.Бақайдгирӣ, воридот ва содироти ҳуҷҷатҳои дорои муҳри «БИХ» тавассути низом сурат мегирад.

80.Ҳангоми кор бо ҳуҷҷатҳои дорои муҳри «БИХ» амалҳои зерин манъ аст:

- истифода бурдан бо мақсадҳои ғайрихизматӣ;

- бо вайрон кардани талаботи Дастурамал додани онҳо ба шахсони сеюм;

- нигоҳ доштани онҳо якҷо бо маълумоти дастрасии умум;

- бе назорат гузоштани онҳо;

- аз бино баровардани онҳо бе мувофиқа бо роҳбарияти идораҳо;

- истифода бурдан дар суханрониҳои озод ё интишор дар матбуоти озод, барномаҳои радио ва телевизион;

- намоиш додан дар намоишгоҳҳои озод, намоиши онҳо дар лавҳаҳо, тахтаи эълонҳо ё ҷойҳои тамошои оммавии дигар.

## 7.ТАШКИЛ КАРДАНИ ФЕҲРИСТҲО

81.Фармоишҳо оид ба ҳайати шахсӣ аз фармоишҳо оид ба фаъолияти асосӣ ҷудо ҷойгир карда мешаванд.

82.Нақшаҳо, ҳисоботҳо ва харҷномаҳо аз лоиҳаҳои ин ҳуҷҷатҳо ҷудо ҷойгир карда мешаванд.

83.Ҳуҷҷатҳои кадрӣ дар парвандаи шахсӣ бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгир карда мешаванд.

## 9. ОМОДА ВА БА РАСМИЯТ ДАРОВАРДАНИ ҲУҶҶАТҲОИ ХИЗМАТӢ

### §1. Қоидаҳои таҳия ва ба расмият даровардани ҳуҷҷатҳои ташкилию амрдиҳӣ

84.Тибқи тартиби муқарраршуда дар идора ҳуҷҷатҳои ташкилию амрдиҳӣ (фармон, амр, қарор, фармоиш, низомнома, дастурамал, санад, хулоса, гузориш, мактуб) ва ҳуҷҷатҳои ба ин гурӯҳ мансубнабуда, яъне ҳуҷҷатҳои оморӣ, молиявӣ, лоиҳавӣ-тарҳсозӣ, тиббӣ ва ғайра таҳия карда мешаванд.

85.Ҳуҷҷатҳои оморӣ, молиявӣ, лоиҳавию тарҳсозӣ, тиббӣ ва ҳуҷҷатҳои дигари махсус дар асоси талаботи санадҳои меъёрии дахлдор таҳия ва ба расмият дароварда мешаванд.

86.Ҳангоми омода ва ирсоли ҳуҷҷат бояд қоидаҳои зерин риоя шаванд:

- ҳуҷҷатҳо ба идора, воҳиди сохтории он ё шахси мансабдори мушаххас ирсол карда мешаванд (воҳиди сохторӣ ё шахси мансабдор дар мукотибаи дохилиидоравӣ, мукотиба бо қабулкунандагони доимӣ ва дар ҳолатҳои дигар, ки муайян намудани қабулкунандаи дақиқ ягон душвориро ба амал намеорад, нишон дода мешавад);

- номи идора ва воҳиди сохтории он дар шакли зерин нишон дода мешавад. Масалан:

Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон

Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятӣ;

-ҳангоми ирсол намудани ҳуҷҷат ба шахси мансабдор номи идора, вазифа, насаб, ном, номи падари гиранда чунин навишта мешавад.

Масалан:

Ба Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии

Ҷумҳурии Тоҷикистон

Сардори Хадамоти муҳоҷират

____________________________ ;

(насаб, ном, номи падар)

- ҳангоми ба роҳбарияти идора ирсол намудани ҳуҷҷат номи идора бояд ба таркиби номи вазифаи қабулкунанда ворид гардад. Масалан:

Ба вазири фарҳанги

Ҷумҳурии Тоҷикистон

______________________;

(насаб, ном, номи падар)

-ҳангоми ба гирандагони муваққатӣ фиристодани ҳуҷҷат нишонии почтаи гирандаи ҳуҷҷат нишон дода мешавад. Масалан:

Корхонаи таъмири автомобили Душанбе,

734018, Душанбе, кӯчаи Ҷомӣ, 15;

- агар ҳуҷҷат ба шахси алоҳида ирсол карда шавад, он гоҳ аввал дар он насаб, ном, номи падар, суроғa ва баъд шохиси почта нишон дода мешавад. Масалан: Ба Раҷабзода Давлат

ш. Турсунзода, кӯчаи С. Айнӣ,

бинои 15, утоқи 10, 734024.

87.Санаи ҳуҷҷат санаи имзо ё тасдиқ шудани он мебошад.

88.Стандарти давлатӣ ду намуди навиштани санаро муқаррар намудааст: пурра (масалан: 25-уми январи соли 2025) ва мухтасар (25.01.25). Шакли нисбатан мувофиқ ба воситаи се ҷуфти рақамҳои арабии ба воситаи аломати нуқта ҷудо гардида, мухтасар навиштани сана мебошад (ҷуфтҳои алоҳидаи рақамҳо рӯз, моҳ, солро ифода менамоянд). Агар рақами рӯз ва рақами тартибии моҳ якрақама бошанд, он гоҳ пеш аз рақам «сифр» (0) гузошта мешавад. Масалан: агар 25-уми феврали соли 2025 бошад, пас 25.02.25 навиштан лозим аст.

89.Ҳамаи қайдҳои хизматӣ дар ҳуҷҷате, ки ба гардиши он вобаста аст, санагузорӣ ва имзо карда мешаванд. Санаи фармон, амр, қарор, фармоиш, мактуб, хулоса, гузориш ва маълумотнома рӯзи ба имзо расидани онҳо мебошад. Санаи протоколҳо ва санадҳо санаи гузаронидани чорабинӣ ба шумор меравад.

90.Ҳуҷҷатҳо аз ҷониби як шахс имзо карда мешаванд.

91.Лоиҳаи ҳуҷҷатҳо ҳам дар дохили идора (бо воҳидҳои сохторӣ, шахсони мансабдор ва кумитаи иттифоқи касаба) ва ҳам берун аз он (бо дигар идораҳо) мувофиқа карда мешаванд.

92.Эрод ё илова ба ҳуҷҷат, агар онҳо мавҷуд бошанд, дар худи ҳуҷҷат ё тавассути эзоҳ оварда мешавад.

93.Мувофиқаи берунӣ метавонад дар дохили низом сурат гирад ё бо муҳр ва ё маълумотнома оид ба мувофиқакунӣ ба расмият даровarда шавад.

94.Муҳри мувофиқакунии берунӣ дар худ чунин унсурҳоро дар бар мегирад: калимаҳои «МУВОФИҚА ШУД», номи вазифа, имзои шахсӣ, насаб, ном, номи падари шахсе, ки бо он ҳуҷҷат мувофиқа мешавад ва санаи мувофиқа. Масалан:

«МУВОФИҚА ШУД»

Вазири молияи

Ҷумҳурии Тоҷикистон

_________________________

(имзо насаб, ном, номи падар)

4 апрели соли 2025 ё бо Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқа шуд (мактуб аз 04.04.25, №124-1).

95.Ба таркиби имзо нишон додани вазифаи шахси ба ҳуҷҷат имзогузошта, имзо ва насаб, ном, номи падар дохил мешаванд. Масалан: Директор имзо насаб, ном, номи падар.

96.Ҳангоми имзои ҳуҷҷати тартибдодаи комиссия на вазифаи шахсони ҳуҷҷатро тартиб дода, балки тақсимоти уҳдадориҳои онҳо дар комиссия нишон дода мешаванд. Насаб, ном, номи падари раиси комиссия алоҳида навишта, ном, номи падари аъзои комиссия бошад, бо тартиби алифбоӣ номбар карда мешаванд. Масалан:

| | | |
|---|---|---|
| Раиси комиссия | имзо | насаб, ном, номи падар |
| Аъзои комиссия | имзо | насаб, ном, номи падар ва ғайра. |

97.Ба протоколҳои ҷаласаҳои мақомоти машваратӣ раиси мақомоти машваратӣ имзо мегузорад.

98.Тасдиқ – унсури махсуси тасдиқи ҳуҷҷат мебошад, ки баъди имзо шудан интишор ва ё иҷрои онро ба шахсони мансабдор иҷозат медиҳад.

99.Ҳуҷҷате, ки бояд тасдиқ шавад, танҳо аз лаҳзаи тасдиқ шуданаш эътибори ҳуқуқӣ пайдо менамояд.

100.Ҳуҷҷатҳоро роҳбари идора ё муовини ӯ, агар ҳалли масъалаи дар ҳуҷҷат дарҷгардида ба ваколати ӯ дохил шавад, тасдиқ менамояд.

101.Унсурҳои шакли тасдиқ калимаҳои «Тасдиқ менамоям», номи вазифа, имзо, насаб, ном, номи падари шахси ҳуҷҷатро тасдиқкарда, санаи тасдиқ ба ҳисоб мераванд. Масалан:

«Тасдиқ менамоям»

Директори Муассисаи давлатии

«Маркази ҳифзи маълумот»

насаб, ном ва номи падар

имзо

5 майи соли 2025.

102. Ҳангоми бо санади ҳуқуқӣ тасдиқ кардани ҳуҷҷат, он дар шакли зерин нишон дода мешавад. Масалан:

Бо фармоиши вазири маориф

ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон

аз 5 майи соли 2025, №77

тасдиқ шудааст.

## §2. Тартиби таҳия ва ба расмият даровардани протоколҳо

103.Дар ҷаласаҳои мақомоти машваратӣ ва машваратҳо бояд протоколҳо тартиб дода шаванд. Протоколҳои ҷаласаҳои мақомоти машваратӣ дар давоми соли тақвимӣ рақамгузорӣ карда мешаванд.

104.Матни протокол бояд аз ду қисм иборат бошад: муқаддимавӣ ва асосӣ. Дар қисми муқаддимавии протоколи ҷаласаҳои мақомоти машваратӣ, машваратҳо шумораи умумии иштирокдорон, шумораи шахсони ба ҷаласа даъватшуда, рӯзномаи ҷаласа, ҳайати раёсат, насаб, ном, номи падари раис ва котиби ҷаласа, бо номгӯйи масъалаҳои баррасишаванда, нишон додани вазифа ва насаб, ном, номи падари маърӯзачиён зикр карда мешавад.

105.Агар шумораи шахсони даъватшуда ба ҷаласаи мақоми машваратӣ, машварат, ҷаласа аз 5 нафар зиёд бошад, он гоҳ рӯйхати онҳо дар шакли ҳуҷҷати алоҳидаи замимашаванда ба протокол тартиб дода мешавад.

106.Қисми асосии протоколи ҷаласаи мақомоти машваратӣ ва машварат бояд аз фаслҳои мутобиқ ба бандҳои рӯзнома иборат бошад.

107.Матни ҳар як фасли асосӣ бояд аз таркибҳои: шунида шуд, баромад карданд, қарор кард, таркиб ёфта бошад.

108.Пас аз калимаҳои «ШУНИДА ШУД» рақами тартибии масъалаи рӯзнома гузошта мешавад.

109.Калимаҳои «ШУНИДА ШУД» бо ҳарфҳои калон, аз ҳошияи тарафи чап чоп карда шуда, баъди он аломати баён гузошта мешавад. Дар сатри дигар бо сарсатр насаб, ном, номи падари маърузакунанда ва дар қавс (маърӯза замима мегардад) нишон дода мешавад.

110.Дар фасли «БАРОМАД КАРДАНД»-и протокол, мазмуни ҳамаи баромадҳо ва саволу ҷавоб ба онҳо ва маълумот зикр карда мешаванд.

111.Баъди ба охир расидани баромадҳо оид ба масъалаҳои рӯзнома калимаҳои «ҚАРОР КАРД» бо ҳарфҳои калон, дар байн чоп карда шуда, баъди он аломати баён гузошта мешавад.

112.Протоколҳои ҷаласаҳои мақоми машваратӣ ва машваратҳоро ба таври кӯтоҳ низ ба расмият даровардан мумкин аст.

113.Дар шакли кӯтоҳи протокол дар қисмати асосии он мазмуни баромадҳо баён нашуда, танҳо номгӯйи масъалаҳои баррасишаванда бо зикри насаб, ном, номи падари маърӯзачиён, баромадкунандагон ва қарорҳои қабулгардида нишон дода мешаванд.

114.Протоколҳои ҷаласаҳои мақоми машваратӣ дар шакли электронӣ таҳия гардида, аз тарафи раиси мақоми машваратӣ имзо карда мешаванд, ба протоколҳои машваратҳо шахсе, ки онро гузаронидааст, имзо мегузорад.

## §3. Тартиби таҳия ва ба расмият даровардани фармоишҳо

115.Номи фармоиш ба таври мухтасар бояд мазмуни онро инъикос намуда, дар маркази сатр оварда мешавад.

116.Матни фармоиш аз ду қисм иборат аст: муқарраротӣ ва амрдиҳӣ. Дар қисми муқарраротӣ асосҳо ва омилҳое, ки боиси таҳияи фармоиш гардидаанд, баён шуда, дар қисми амрӣ, бошад, амалҳои фармоишӣ номбар карда мешаванд. Агар фармоиш дар асоси ҳуҷҷати дахлдори мақоми болоӣ бароварда шавад, он гоҳ дар қисми муқарраротӣ намуд, рақам, сана ва номи ин ҳуҷҷат оварда мешавад.

117.Қисми амрдиҳии фармоиш бо калимаҳои «ф а р м о и ш   м е д и ҳ а м» оғоз ёфта, якҷо бо матн бо ҳарфҳои хурд навишта шуда, дар охири он аломати баён гузошта мешавад. Чорабиниҳои пешбинишуда, дар бандҳо ҷой дода мешаванд, ки бо рақамҳои арабӣ рақамгузорӣ карда мешаванд. Дар бандҳои фармоиш амалҳои фармоишӣ, иҷрокунандагони мушаххас ва мӯҳлати иҷро нишон дода мешавад.

118.Лоиҳаи фармоиш бо воҳидҳои сохторӣ ё шахсони мансабдори дахлдор мувофиқа карда мешавад.

119.Фармоишҳо дар давоми соли тақвимӣ рақамгузорӣ карда мешаванд.

## §4. Тартиби таҳия ва ба расмият даровардани маълумотномаҳо ва гузоришҳо

120.Матни маълумотнома ва гузориш бояд аз ду қисми асосӣ иборат бошад. Дар қисми якум далелҳое, ки барои тартиб додани ҳуҷҷат асос шудаанд ва дар қисми дуюм хулоса ва пешниҳодҳо баён карда мешаванд.

121.Сана ё давраи вақти мансуб ба маълумоти дар маълумотнома ё гузориш баёнгардида бояд ба сарлавҳа ворид карда шаванд. Масалан: «Дар бораи тайёр намудани кадрҳо ба ҳолати 01.05.25».

122.Маълумотнома ва гузоришҳои содиротӣ дар бланки электронӣ таҳия гардида, аз тарафи роҳбарият имзо карда мешаванд. Маълумотнома ва гузоришҳои дохилӣ дар шакли электронӣ барои имзо пешниҳод карда мешаванд.

123.Маълумотномае, ки бо дархости шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дода мешаванд, дар бланки электронӣ тартиб дода шуда, аз тарафи роҳбарият имзо карда мешаванд.

## §5. Тартиби таҳия ва ба расмият даровардани санад

124.Матни санад бояд аз қисмҳои муқаддимавӣ ва муқарраротӣ иборат бошад.

125.Дар қисми муқаддимавӣ асосҳо барои тартиб додани санад нишон дода шуда, тартибдиҳандагон ва иштирокдорон номбар карда мешаванд. Баъди калимаи «Асос» ҳуҷҷати амрдиҳӣ ё амри шифоҳӣ оид ба гузаронидани чорабинии санадшаванда нишон дода мешавад. Баъди калимаҳои «Тартиб дода шуд» вазифа ва насаб, ном, номи падари шахсони иштирокдошта ҳангоми тартиб додани санад номбар карда мешавад.

126.Дар қисми муқарраротӣ мақсадҳо ва вазифаҳои тартиб додани санад, моҳият ва хусусияти кори анҷомдодашуда, далелҳои муқарраргардида, инчунин хулоса ва пешниҳодҳо баён карда мешаванд.

127.Номи санад ба таври мухтасар бояд мазмуни ҳолат ё далели санадшавандаро инъикос намуда, ҷавоб ба саволи «Дар бораи .... », «Вобаста ба ... » ва «Оид ба ... » ифода карда шавад.

128.Санад бо шахсони дар тартиб додани он иштирокдошта мувофиқа карда мешавад.